**Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-O19-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Ҳакимов Мирзовалӣ Қодирович дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Ҳакимов Мирзовалӣ Қодирович дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ», ки ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-O19-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти №15/шд, ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Аҳамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар муҳиммияти назариявӣ ва амалии ташаккули самараноки механизмҳои ҳуқуқии муттаҳид кардани кӯшишҳои мақомоти худидоракунии ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеа дар робита бо тадбирҳои ташкилию ҳуқуқии онҳо мебошад, ки новобаста аз шакл дар

соҳаи амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар гирифта мешаванд. Илова бар ин, муҳимтарин вазифаҳое, ки дар назди ҳар як давлат ва дар ин маврид Тоҷикистони азизи мо истодаанд, роҳҳои таъмини воқеии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошанд, ки қонунгузорӣ ва Конститутсияи давлат муқаррар шудаанд. Тибқи моддаи 5 Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳои инсон, ҳаёт, шаъну шараф ва дигар ҳуқуқҳои фитрӣ, яъне ҳуқуқи инсон арзиши олӣ доранд ва умуман дахлнопазиранд. Ҳалли ин масъала иҷрои маҷмуи вазифаҳои аз ҷиҳати юридикӣ алоқамандро дарбар мегирад, ки бо асосҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, юридикӣ, идеологии ҳаёти ҷамъиятию давлатии мамлакат алоқамандан.

Маълум аст, ки як қатор нуқтаҳои Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро метавон ба асосҳои амнияти миллӣ нисбат дод. Ҷанбаҳои гуногуни он бо соҳаҳои маъмурӣ, молиявӣ, экологӣ, байналмилалӣ ва дигар соҳаҳои ҳуқуқ амалӣ карда мешаванд. Аммо дар аксари мавридҳо масъалаҳои марбут ба амнияти миллӣ хусусияти умумии ҳуқуқӣ дошта, аҳамияти конститутсионӣ доранд. Таъсири конститутсионӣ ба муносибатҳо дар соҳаи амнияти миллии кишвари мо тавассути татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки аз Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муқаррароти он дар ин соҳа бармеоянд, таъмин карда мешавад. Масъалаҳои назария ва амалияи таъмини ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ муносибати мунтазам ва ҳамгироиро, аз ҷумла ҳам таҳқиқоти умумии назариявӣ ва ҳам дастовардҳои илми конститутсионӣ ва ҳуқуқи ватаниро талаб мекунанд. Онҳо дар робита ба афзоиш ва тағйирёбии навъҳои амният дар маҷмуъ, ба вуҷуд омадани таҳдиду хатарҳои нав ва тағйироти динамикии фазои геополитикии ҷаҳонӣ аҳаммияти иловагӣ пайдо мекунанд.

Ҳамин тариқ, масъалаи таҳияи он ҷанбаҳое, ки метавонанд модели механизми танзими ҳуқуқӣ дар соҳаи таъмини амнияти миллии Тоҷикистонро пурра кунанд, имрӯз ҳам муҳим боқӣ мемонад.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба мақсаду вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ буда, аз номгӯйи ихтисорот, муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо ва феҳристи адабиёти истифодашудаву маъхазҳо таркиб ёфтааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва натиҷаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии Ҳакимов Мирзовалӣ Қодирович дар он ифода меёбад, ки ин нахустин таҳқиқоти илмии ватанӣ мебошад, ки ба татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва конститутсионӣ дар соҳаи таъмини амнияти миллӣ бахшида шудааст. Дар натиҷаи таҳлили ҳамаҷониба муаллиф кӯшиш кардааст, ки мафҳумҳои амният аз нигоҳи ҳуқуқи конститутсионӣ баҳо дода, мафҳумҳои муаллифиро пешниҳод намояд. Хулоса ва пешниҳодҳо инчунин ба такмили механизми танзими ҳуқуқӣ дар соҳаи таъмини амнияти миллӣ бахшида шудаанд. Ҳамчунин, диссертатсияи мазкур бори аввал, аз лиҳози ҳуқуқӣ-конститутсионӣ кӯшиши муайян намудани паҳлуҳои алоҳидаи танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба роҳ монда, масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Диссертант вазифаҳои дар назди худ гузоштаро тавассути нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳоднамудааш пурра инъикос намуда, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои худ аз сарчашмаҳои муътамади таърихӣ-ҳуқуқӣ, қонунгузорӣ, инчунин, аз андешаву назари олимони дохиливу хориҷӣ истифода намудааст, ки онҳо дар маҷмуъ, навгонии таҳқиқоти илмиро таъмин менамоянд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Эътимоднокӣ ва омӯзиш, таҳлили диссертатсия, ақидаҳо, нуқтаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш шудаанд, муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуқтаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводи илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он дарак медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст.

**Аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо барои истифода аз онҳо.** Аҳамияти илмӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо далели хулоса ва пешниҳодҳо оид ба диссертатсия бешубҳа арзиши илмӣ дошта, донишҳо ва ғояҳои мавҷударо дар илми ҳуқуқӣ-конститутсионӣ оид ба падидаи ислоҳоти констутсионӣ ба таври назаррас зиёд мегардонад. Ғайр аз ин, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд, ҳангоми навиштани китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ ва таълимӣ-методӣ барои донишҷӯён, инчунин барои баланд бардоштани ихтисоси хизматчиёни давлатӣ ва мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ истифода шаванд.

**Дар баробари ин, дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ба назар мерасанд ва ба Ҳакимов Мирзовалӣ Қодирович дар шакли тавсияҳо барои таҳқиқотҳоиояндаи ӯ пешниҳод менамоем, аз ҷумла:**

1. Диссертант инкишофи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо таҷрибаҳои конститутсионии давлатҳои дигар чӣ тавр муқоиса кардааст, дар ҷараёни ҳимоя ошкор менамуд.

2. Дар кори илмиаш муаллиф қайд менамояд, ки истилоҳи «механизми таъмини амният» дар қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода нагардидааст. Ин тавр ки бошад, пас механизми таъмини амниятро бо чӣ мафҳум иваз кардан мумкин аст. Бисёр хуб мебуд, агар унвонҷӯ дар раванди ҳимоя ин маъноро шарҳ медод.

3. Рисоланавис аз корҳои олимони ватанӣ бештар истифода мебурд ба манфиати кор буд.

Вале новобаста бар ҳаммаи ин муҳтавои илмӣ ва мантиқи диссертатсия мукаммал боқӣ мемонад. Дар маҷмуъ, эродҳои зикршуда сифати таҳқиқоти диссертатсиониро паст накарда, ҳамзамон нахустин масъалае мебошад, ки бо забони давлатӣ навишта шуда, бо навовариву хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои муаллиф фарқ намуда, ба тамоми талаботҳо ҷавобгӯ аст. Автореферат ва интишороти илмии довталаб мазмуни диссертатсияро инъикос менамоянд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Унвонҷӯ дар маҷмуъ муаллифи 17 мақолаҳои илмӣ бо забонҳои

тоҷикӣ ва русӣ буда, аз ин 9 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 8 мақола дар нашрияҳои дигари илмӣ интишор шудаанд. Ҳамаи онҳо бо мазмун ва мавзуи рисолаи илмӣ бевосита алоқаманд мебошанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Ҳакимов М.Қ., ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Аз омузиши матни таҳқиқот ва автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки диссертатсияи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ҷавобгӯ мебошад. Зеро омӯзиши матни пурраи диссертатсия ва автореферати унвонҷӯ нишон медиҳад, ки он кори анҷомёфта буда, дорои навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои боэътимод мебошад. Пешниҳод ва хулосаҳои илмие, ки дар диссертатсия иброз гардидаанд, судманд ва саривақтӣ буда, онҳо ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои илми ҳуқуқшиносии ватанӣ равона

шуда, ҳамзамон ҳангоми таҳия ва татбиқи консепсия ва стратегияҳои давлатӣ дар соҳаи таъмини амнияти миллӣ истифода шаванд.

Дар умум, Ҳакимов Мирзовалӣ Қодирович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 - Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ буда, тақризи мазкур бо дарназардошти бандҳои 71 ва 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

**Муқарризи расмӣ:** номзади илмҳои
ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи
конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати
Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд **Бобоев А.Х.**

**Имзои Бобоев А.Х.-ро тасдиқ менамоям:**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати
Тоҷикистон **Мирпочоев И.Ҳ.**

**Суроғаи муқарриз:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, 17 мкр-н., хонаи 1 Тел:+992(3422)2-38-11; Факс:+992(3422)2-51-70
Email: Info@tsulbp.tj, Email: tsulbp@rambler.ru
«08» 01 2024 сол.